«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илмҳои филологӣ, профессор
_______________ Гулназарзода Жило
"_5_" _декабр_ соли 2023

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба диссертатсияи номзадии Каримӣ Шаҳноз Аъзамҷон дар мавзӯи "Муносибати ангезандагӣ ба такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар низоми муосири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08- назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) пешниҳод шудааст.**

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ дар ҳамаи соҳаҳо ба дастовардҳои бузург ноил гардида аст. Пеш аз ҳама, бо дастгирӣ ва ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳаи маориф ҳамқадами замона гардида, роҳ ба сӯи рушду пешравӣ гирифтааст.

Мушоҳидаҳо, таҳлили таҷрибаи сатҳи муосири таълим нишон медиҳад, ки проблемаи бо кадрҳои соҳибтахассус таъмин намудани ҳар як самти хоҷагии халқи кишвар, яке аз масъалаҳои асосӣ ба ҳисоб рафта, бартарафсозии проблемаҳои он ба сатҳи омодагии касбии мутахассисони баландихтисос ва рақобатпазирии бозори меҳнат вобаста аст. Ин маънӣ дар яке аз санадҳои муҳими давлатӣ – "Барномаи давлатии ислоҳот ва рушди соҳаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020" ба таври зер инъикос

ёфтааст: «Таъмин намудани соҳаҳои гуногуни кишвар бо мутахассисони ҷавобгӯи талаботи бозори меҳнат бар дӯши зинаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ буда, маҳз ҳамин зинаҳои таҳсилот дар рушди ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маданию фарҳангии мамлакат саҳми босазо мегузоранд».

Таҳқиқоти педагогӣ ва мушоҳидаҳо ошкор карданд, ки аксари омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ба такмили донишҳои худ диққати кофӣ намедиҳанд, имконияти фаъолияти худро нодуруст ва нокифоя арзёбӣ мекунанд. Дар чунин вазъият тартиби баланд бардоштани сатҳи тахассус муҳим аст, ки омили асосӣ ва анъанавии такмили омодагии касбии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ба шумор меравад. Бо мақсади афзудани самаранокии он таҷдиди методӣ, такмили ихтисоси кормандони соҳаи маорифро бо назардошти истифодаи имконияти мувофиқати дидгоҳҳои салоҳиятнокӣ ва арзишӣ дар доираи дидгоҳи ягона зарур аст. Маҳз дидгоҳи ҳамгиро ба ин мафҳум мундариҷаи раванди баланд бардоштани сатҳи мавҷудаи рушди ахлоқию арзишии касбиро таъмин намуда, онро ба рушди сифатҳои касбӣ ва этикии педагог наздик мекунад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти баланд бардоштани сатҳи сифати таҳсилот дар доираи навсозии он тадбирҳои ҷидди муосир андешида мешаванд, яъне стандартикунонии мундариҷаи таҳсилот, ҷорӣ намудани шаклу воситаҳои нави самараноки таълим, санҷиши сифати донишҳо, махсусан эҷодӣ амалӣ мегардад, ки ба ҳалли муаммоҳо, инкишоф ва такмили тахассуси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ равона гардидааст.

Дар баробари ин, дар назария ва амалияи педагогика ҳоло дидгоҳи мундариҷавӣ-технологӣ нисбат ба омӯзиши хусусиятҳои дидгоҳи ангезандагӣ ба такмили ихтисоси омӯзгорон коркард нашудааст. Ҳамчунин шартҳои педагогии дидгоҳи ангезандагӣ муайян нашудаанд, ки баланд бардоштани сатҳи тахассуси омӯзгорони синфҳои ибтидоиро

таъмин намоянд. Аммо бо вуҷуди ин, ҳалли муаммоҳо роҳи педагогӣ ва ҳадафамандона бартараф кардани онҳо дарёфт гардид. Аз ин ҷо, маҳз талаботи амалӣ нисбат ба ангезиши такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар шароити имрӯза интихоби мавзӯи таҳқиқотро асоснок намуданд: "Муносибати ангезандагӣ ба такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар низоми муосири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон".

Ҷомеаи муосир хуб дарк менамояд, ки беҳтар кардани шароити зиндагӣ бо фаъолияти соҳаи маориф алоқаманд аст. Асри XXI - асри технологияҳои таҳсилотӣ, илм ва маориф буда, ин тасодуфӣ нест, зеро ба сифати унсури асосӣ ва ҳалқаи марказии ҷомеа дар мадди аввал симои педагоге гузошта шудааст, ки ба тамоми дархости ҷомеа мувофиқ аст. Ин муносибати ҷиддиро ба фаъолияти омӯзгор асоснок намуда, ба омодагии ӯ таваҷҷуҳи зиёдро тақозо мекунад.

Яке аз омилҳои ба раванду натиҷаи рушди касбии омӯзгорони оянда таъсиррасон ангезиш ё омили барангезандаи фаъолият мебошад.

Маълум аст, ки ангезишҳо дар асоси эҳтиёҷот ташаккул ёфта, рушд мекунанд. Чунин робитаи қавии ангезиш ва эҳтиёҷро пеш аз ҳама, бо моҳияту мазмуни он шарҳ метавон дод. Эҳтиёҷи инсон - ҳис кардани зарурати ягон чиз, ангезиш - хоҳиши инсон дар робита бо ин эҳтиёҷ аст.

Мактаб инкишоф меёбад, агар омӯзгорон ҳамеша барои баланд бардоштани сатҳи салоҳиятнокии касбии худ кӯшиш намоянд. ташкид ва истифодаи инноватсияҳоро дар раванди таълим, тарбия ва идоракунӣ таъмин кунанд. Худи мазмуни фаъолияти ҷустуҷӯии ҳар як омӯзгори синфҳои ибтидоӣ ва дар маҷмӯъ ҷомеаи педагогӣ бояд муҳим бошад. Маҳз хусусиятҳои фаъолияти ҷустуҷӯии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ, эҳтиёҷи ӯ ба худтакмилдиҳӣ, кӯшишҳои ӯ оид ба барпо кардани робитаҳо бо ҳамкорон, омӯзиши таҷрибаи пешқадам, таъмини имконияти воқеии худамалисозии шахсияти омӯзгорро ҳамчун

мутахассиси ин соҳа ташаккул ва рушд медиҳад. Имрӯз дар мактаб асосан методҳои ғайрианъанавии дидактикии таълим, тарбия ва рушди мактаббачагон ҷорӣ мешаванд. Ин аз омӯзгори синфҳои ибтидоӣ дигаргуниҳои муайянро талаб мекунад.

Муносибати омӯзгор ба субъектҳои гуногуни раванди таълим вобаста ба низоми таълим: бо хонандагон, дар ҳамкорӣ бо волидайни онҳо, муносибати дуҷонибаи муаллими синфҳои ибтидоӣ бо ҳайати роҳбарикунанда тағйир меёбад, инчунин аз омӯзгорони дигар ва муносибат ба фаъолияти асосии худ ба куллӣ фарқ мекунад. Инкишофи хусусиятҳои муҳими фардиву касбии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ. ки ба талаботи муайяни низоми таълимӣ ҷавобгӯ мебошад, таъхирнопазир аст.

Аз ин ҷиҳат, мавзӯи интихобнамудаи Каримӣ Шаҳноз Аъзамҷон мубрам арзёбӣ шуда, рисолаи муфиде дар мавриди пажӯҳиши педагогикаи муосир, дар мисоли татбиқи салоҳиятнокии касбии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими мактабиёни хурдсол маҳсуб мегардад.

Рисолаи мазкур, тавре, ки аз мутоилааш бармеояд аз муқаддима, ду боб, хулосаи бобҳои алоҳида, хулосаи асосӣ ва феҳристи адабиёти таҳқиқӣ иборат аст.

Муаллифи рисола дар муқаддима оид ба мубрамияти масъалаи мазкур, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, мақсаду вазифаҳои тадқиқот, усули пажӯҳиш навовариҳои он, аҳамияти назариву амалии рисола, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, коркарду татбиқи натиҷаҳои корро мулоҳизаронӣ кардааст.

Боби якуми рисола, ки “**Асосҳои назариявии салоҳияти касбӣ дар муносибати ангезандагӣ ҳамчун талаботи асосии такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ**” номгузорӣ шудааст, фарогири се зербахш буда, дар ҳар яки он муаллиф роҷеъ ба масоили зайл: тавсифи мухтасари

маъно ва моҳияти мафҳумҳои “салоҳиятнокии касбӣ”, “салоҳияти касбӣ”, “касбият”, “фаъолияти касбӣ” андешаронихо намудааст.

Муаллифи рисола ҳангоми баррасии масъалаи салоҳиятҳои касбии омӯзгор ва хонандагон, ки дар шароити имрӯза дар давраи инкишофи демократикунонӣ ва инсонгароёна намудани ҷомеа ва мактаб, омӯзгор дар муайян кардани мундариҷаи таҳсил ва дидгоҳҳои ғайриқолабии педагогӣ дар ташкили фаъолияти маърифатии хонандагон низ озод аст, ки барои фаъолияти эҷодӣ бо хонандагон заминаи бештаре фароҳам меорад. Ин ё он шакли ҳамкорӣ ва ташкили муносибати эҷодкорона ба таълимро мутлақ шуморидан мумкин нест, зеро онҳо ташкилаҳои ниҳоят мураккаб, ба ҳам омехта ва сервазифае ҳастанд, ки дар як вақт якчанд талаботи таълиму тарбияро қонеъ намуда, як қатор функсияҳои педагогиро иҷро мекунанд ва ҳамчун яке аз муҳимтарин воситаи инъикоскунандаи раванди инкишофи шахсияти мактаббачагони хурдсол маҳсуб мегардад.

Дар фасли якуми боби аввал муаллиф роҷеъ ба вазъи муаммои қисматҳои асоситарини фаъолияти омӯзгорӣ, ангезиши фаъолияти педагогӣ, талабот, ангезаҳо, шавқу ҳавасҳо, саъю кӯшишҳо, муқарраркунӣ, ҳиссиёт, меъёр, арзишҳо дар адабиёти психологию педагогӣ, шароити нави рушди иқтисодии мамлакат дар иҷрои вазифаҳои таълиму тарбия, ташаккул додани шахсияти аз ҷиҳати омӯзгор, ҷаҳоншиносӣ самтгирии шахсият, тафаккури эҷодӣ, рафторҳои хонандагон дар муассисаҳои таҳсилотии миёнаи умумӣ, дараҷаи самтгирии эҷодии фаъолияти шахсияти муаллим ва хонандагон мулоҳизаҳои хешро иброз доштааст.

Ҳамчунин муаллифи рисола таъкид намудааст, ки мутахассисони ҷавон аксар вақт барои музди меҳнати ночиз ва ё сарбории камтарин омода ҳастанд, мувофиқи он фаъолият баранд ва бо ин роҳ онҳо мехоҳанд таҷрибаи корӣ ва касбияти худро баланд бардоранд. Аммо аксар вақт дар корҳои ҷамъиятӣ сустӣ, беҳаракатӣ нишон медиҳанд.

кӯшиш мекунанд чизеро омӯзанд, вале дар раванди педагогӣ ва фаъолият дар коллектив бетараф ва ё бетаъсир мемонанд. Кормандони ҷавон кори худро ба нақша даровардан ва ё онро таҳлил карда наметавонанд, аз ӯҳдаи муайян намудани натиҷаи хотимавӣ намебароянд. Вазифаи асосии онҳо ин иҷро намудани ӯҳдадориҳои касбии ба сарашон "бор гардида" мешавад. Фақат бо гузашти як ду сол худ ва муносибати худро нисбат ба кору фаъолияти хеш иваз мекунанд.

Боби дуюми пажӯҳиш "Технологияи мукаммалгардонии мазмун ва сифати чорабиниҳо оид ба такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ва шаклгирии муносибати ангезандагӣ" ном дошта, Каримӣ Шаҳноз Аъзамҷон дар бахшҳои алоҳидаи он перомуни масоиле чун: меъёрҳо ва сатҳи ташаккули омодагии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ба салоҳияти касбӣ; роҳ ва воситаҳои ташаккули салоҳиятҳои касбии омӯзгор ва хонандагон дар раванди таълим; самаранокии педагогии ташаккули сифатҳои касбии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ дар фаъолияти педагогӣ бо хонандагон дар раванди таълимро ба риштаи таҳлил кашидааст.

Дар бахшҳои боби мазкур муаллиф дар хусуси амалӣ гардонидани низоми салоҳиятнокӣ аз ҷониби омӯзгорон дар сурати мавҷудияти омодагии назариявию методӣ оид ба педагогикаи муосир; доир ба омода кардани омӯзгорони оянда барои татбиқи салоҳияти касбӣ дар раванди таълими мактаббачагон назари худро иброз дошта, таъкид менамояд, ки барои татбиқи фаъолияти касбии омӯзгор дар тарбия ва ташаккули шахсияти мактаббачагони хурдсол аз барномаи курси махсус "Тағйироти ҷузъии мазмуни таҳсилоти ибтидоӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ", ки аз ҷониби Каримӣ Шаҳноз Аъзамҷон коркард шудааст, истифода бурдан бо маврид аст.

Дар зерфаслҳои боби мазкур муаллифи рисола доир ба донишҳои педагогӣ, маҳорати педагогии омӯзгорон, малакаҳои педагогӣ; татбиқи такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ барои инкишофи

минбаъдаи малакаву маҳорати педагогӣ оид ба татбиқи тағйироти ҷузъии мазмуни таҳсилоти ибтидоӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ андешаронӣ намудааст.

Таъкид бо маврид аст, ки такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ аз рӯйи ҳадафҳои тактикӣ ва стратегӣ ба роҳ монда мешавад. Ҳадафи тактикии такмили ихтисос ва курси бозомӯзии кадрҳои омӯзгорӣ барои кор бо стандарти давлатии таҳсилоти таълими умумӣ маҳсуб меёбад. Ҳадафи стратегӣ бошад, ин таълими муттасили кадрҳои омӯзгорие, ки инкишофи ахлоқӣ-маънавӣ, тарбия ва сифати омодагии омӯзгоронро мутобиқ ба иҷрои талаботҳои стандарти давлатии таҳсилоти таълими умумӣ ва касбӣ, ташкили шароити мусоид ба худтакмилдиҳии онҳо таъмин менамояд.

Дар заминаи ҳадафҳои тактикиву стратегии раванди такмили ихтисоси омӯзгорон, метавон самтҳои актуалии онро ҷудо намуд, ки онҳо зери таъсири талаботҳои беруна ва дохилӣ ба фаъолияти касбии омӯзгор ташаккул меёбанд.

Талаботҳои беруна бо назардошти тамоюлҳои ҷаҳонӣ ва шароитҳои воқеии инкишофи ҷомеа вусъат меёбад. Ҳамин тавр, мувофиқи нишондоди стандарти давлатии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи умумӣ барои ҳайати педагогии муассисаҳои таълимӣ дар доираи салоҳиятҳои асосии омӯзгор ба нақшаи асосӣ салоҳиятҳои зерин дохил мешавад. Аз ҷумла, маҳорати истифодабарии технологияҳои инноватсионӣ-коммуникатсионӣ дар раванди таълим; бо роҳи зайл ва шаклҳои муосири идоракунии таълим мусаллаҳ будан; гузаштан ба низоми наву муосири таълим.

Дар хулоса муҳимтарин бардоштҳои муаллифи рисола зикр шудаанд, алалхусус муносибат ба фаъолияти омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ барои татбиқи салоҳияти касбӣ дар раванди таълими мактаббачагон фарогир бояд будан, борҳо таъкид карда шудааст.

Ҳамчунин дар рафти кори таҳқиқоти фарзияи он аз ҷиҳати илмӣ ва таҷрибавӣ бо чунин нуктаҳо тасдиқ карда шудааст: иштироки омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар шаклу намудҳои интерактивии (таҳқиқот, нақшофарӣ, эҷодӣ, иттилоотӣ ва ғайра) омӯзишиву таълимӣ таъмин бошад, ба рушди салоҳияти хонандагон ва ташкили ҳамкорӣ роҳандозӣ гардида, баъд аз он сатҳи омодагӣ ба ташаккули тафаккури пурсамари хонандагони хурдсол мусоидат намудааст, зеро он барои фаъолияти эҷодии омӯзгорӣ шароити иловагӣ фароҳам меоварад.

Дар диссертатсия методологияи муносибати ангезонидани такмили ихтисоси муаллимон, ташаккули сифатҳои педагогӣ барои татбиқи рушди таҳсилот ошкор карда шудааст.

Ҳамин тавр, тадқиқотҳои гузаронидаи унвонҷӯ Каримӣ Шаҳноз Аъзамҷон, ки тавассути барномаи курси махсус "Муносибати ангезандагии такмили салоҳияти касбии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар мактаби муосир" дар раванди такмили ихтисос ва бозомӯзӣ ба роҳ монда шудааст, дар ниҳоят таҳлили хусусиятҳои салоҳияти касбии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ аз рӯи ташаккули маърифатнокии хонандагон дар асоси мушоҳида ва таҳлил дар раванди такмили ихтисоси омӯзгорон натиҷаҳои назаррас касб кард.

Муаллифи рисола Каримӣ Шаҳноз Аъзамҷон дар ҷараёни таҳлили маводи бисёр ва пурарзиши гирдовардааш барои эътимод бахшидан ба андешаронии хеш бо осори таҳқиқии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ такя намуда, дар мавридҳои зарурӣ аз маъхазҳои гирдовардааш иқтибосҳо овардааст.

Таъкид кардан бо маврид аст, ки ҷанбаи илмии рисола қавӣ буда, рисоланавис барои таълифи пажӯҳиши мазкур аз осори таҳқиқии зиёди муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ истифода кардааст. Рисола бо забони хуби илмӣ навишта шуда, баёнгари он аст, ки унвонҷӯй дар атрофи

мавзӯи интихобнамудааш аз оғози тадқиқоташ то охир ҷиддан таҳлили кори илмӣ бурдааст.

Ба хотири амиқ дарк кардани моҳияти масъала, унвонҷӯй дар рисолаи хеш чордаҳ ҷадвалу нақшаҳоро ҷой додааст.

*Дар рисола ҳангоми таҳлил дар баробари муваффақиятҳои зиёд баъзе нуктаҳои баҳсталаб ба назар мерасанд, ки ислоҳи минбаъдаи онҳо. боиси боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати рисолаи илмӣ хоҳад буд:*

1. Муаллифи рисола доир ба мунтазамии зуҳуроти салоҳиятнокии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ маълумоти бисёр овардааст, вале аз ташкили босамари он дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ маълумоти кофӣ надодааст.

2. Дар Барномаи курси махсус "Муносибати ангезандагии такмили салоҳияти касбии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар мактаби муосир" таносуби соатҳои назариявӣ ва амалӣ баробар гузошта мешуд хубтар мешуд.

3. Дар ҳолати муқоиса намудани натиҷаҳои озмоиши педагогии дар мактабҳои шаҳр ва ноҳия гузаронидашуда, таҳлил ва хулосаҳои ҷудогона дода мешуд ба манфиати кор буд.

Эродҳои овардашуда, ҷузъӣ буда, таъсири худро ба арзиши назарӣ ва амалии рисола надорад.

Мазмуну муҳтавои рисола бо фишурдаҳои он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ таълиф гардидаанд, мувофиқати комил дошта, мундариҷаи корро якҷоя бо мақолоти таълифнамудаи муаллиф, ки дар маҷмуъ фарогири 20 ададанд, пурра инъикос мекунанд.

Рисолаи илмии Каримӣ Шаҳноз Аъзамҷон дар мавзӯи "Муносибати ангезандагӣ ба такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар низоми муосири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон" тадқиқоти илмӣ-тахассусии анҷомёфта ҳисобида шуда, аз рӯи ҳаҷм, арзиши назарӣ ва амалӣ ҷавобгӯ ба талаботи КОА-и назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08- назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мебошад.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода бо иштироки Каримӣ Шаҳноз Аъзамҷон баррасӣ ва муҳокима гардида, тақризи мазкур якдилона тариқи овоздиҳии кушоди ҳозирин тасдиқ карда шуд (қарори №3 аз 25. ноябри соли 2023)

Раиси ҷаласаи кафедраи
педагогикаи умумидонишгоҳии
Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Шомуродзода Ҳ.Р.

Экспертҳо:
Доктори илмҳои педагогӣ, профессор. Шоҳиён Н.Н.

И.в.мудири кафедра, н.и.г., и.в.дотсент Қодиров Ш.С.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Қаюмов А.Ҷ.

Котиби ҷаласа Нураҳмадзода Д.

25.11.2023

Маълумот барои тамос: Нишонӣ: 734019. ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
Тел.: +992 372325000; Факс: +992 372325003; Сомона: www.ddzt.tj

Имзои Шомуродзода Ҳ.Р., Шоҳиён Н.Н., Қодиров Ш.С., Қаюмов А.Ҷ. ва Нураҳмадзода Дилафрузро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадр ва корҳои
махсуси ДБХЗТ ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б.Ғ.